М. ЛУТФУЛЛОЕВ, Ф. ШАРИФОВ, И. АБДУЛЛОЕВ

# АЛИФБО




Аа
Бб
Вв
Гг
Жж
Зз
Ии
ӣ
Мм
Нн
Оо
Пп
Уу
Ӯӯ
Фф
Хх
Ҷҷ
Шш
ъ
Ээ


11
Ғғ
Дд
Ее
Ёё
Йй
Кк
Ққ
Лл
Рр
Сс
Тт
Ҳҳ
Чч
Юю
Яя

М. Лутфуллоев,
Ф. Шарифов, И. Абдуллоев

# АЛИФБО

## КИТОБИ ДАРСӢ БАРОИ СИНФИ ЯКУМ

Мушовараи Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия кардааст

Нашри дуввум




ДУШАНБЕ
"САРПАРАСТ"
2007

***Фарзанди азизам!***

*Дар дастат аввалин китоби зебову хушранг ва пурмазмун «Алифбо» аст. Ту аз он хондану навиштанро ёд мегирӣ, ба дунёи илму фарҳанг дохил мешавӣ.*

*Орзумандам, ки бо таҳсили аъло ва ахлоқу одоби хуб Ватани азизатро боз ҳам ободтару зеботар мегардонӣ.*

*Хон, дониш омӯз, фарзанди азизам, ки бузургон гуфтаанд: «Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад!»*

***Бо эҳтиром***
***Президенти Ҷумҳурии***
***Тоҷикистон*** ***Эмомалӣ Раҳмон***



*НИШОНИ ДАВЛАТИИ ТОЧИКИСТОН*



*ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ТОЧИКИСТОН*



# *СУРУДИ МИЛЛИИ*
# *ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

*Шеъри Гулназар Келдӣ* *Оҳанги Сулаймон Юдаков*

*Диёри арҷманди мо,*
*Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,*
*Саодати ту, давлати ту бегазанд бод,*
*Зи дурии замонаҳо расидаем,*
*Ба зери парчами ту саф кашидаем,*
*кашидаем.*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

*Барои нангу номи мо*
*Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,*
*Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ,*
*Хазон намерасад ба навбаҳори ту,*
*Ки мазраи вафо бувад канори ту,*
*канори ту.*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

*Ту модари ягонаӣ,*
*Бақои ту бувад бақои хонадони мо,*
*Маромн ту бувад мароми ҷисму ҷони мо,*
*Зи ту саодати абад насиби мост,*
*Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост,*
*ҳабиби мост.*
*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*



**Муҷтамеи меъмории Ваҳдати Миллӣ
ва Эҳёи Тоҷикистон бо муҷассамаи
Исмоили Сомонӣ дар Майдони Дӯстии пойтахт**



**Садриддин Айнӣ –**
**Қаҳрамони Тоҷикистон**



**Бобоҷон Ғафуров –**
**Қаҳрамони Тоҷикистон**



**Мирзо Турсунзода –**
**Қаҳрамони Тоҷикистон**



Эмомалӣ Раҳмон –
Қаҳрамони Тоҷикистон



**Нусратулло Махсум –**
**Қаҳрамони Тоҷикистон**



**Ширишоҳ Шоҳтемур –
Қаҳрамони Тоҷикистон**

# ЧОРЯКИ 1.

## Дарсҳои 1 ва 2




**Аломатҳои шартӣ:**

— ҷумла

— калима

— ҳиҷо

— ҳарф

# Дарсҳои 3 ва 4





# Дарсҳои 5 ва 6





l l l l l l





# Дарсҳои 7 ва 8


























# Дарсҳои 9 ва 10





**О о**







## Дарсҳои 11 ва 12

# А а

*А а*







*а а А А А*

*а а а а ...*

*А А А А ...*





**А, а, а**

*Аа Аа Аа ...*

# Л л



ло-ла



Л л

л л Л Л

л л л л л

ло ло ло ло

Л Л Л Л

ЛО
ЛА





Ло-ла

| | |
|---|---|
| ● | А |
| ● | Л |
| ● | О |

Л____ _____ _____.

Лл Лл Лл

# Нн



Ло
ла
на



Н н

н н н

н н н н н н

на на на на



О
Л
А
Н



Ло-ла,
ана
ло-на.





ло-на ло-на ло-на



он
а-ло

Н Н Н



Н Н Н Н Н Н Н

Нн Нн Нн




а-на
ло-ла

| | | | |
|---|---|---|---|
| л | а | о | л |

**Лола, ана лола.**

ло-ла ло-ла

# Дарсҳои 19 ва 20

## М м

М м







но | на | ма | мо | ла

м м м

м м м м м

ма ма ма

**Лола, ана но-ма.**

**Ма, Лола, нома.**

**Ана, Лола,**  **.**





**Но-ма**

____ ____ ____.

но-ма но-ма

## Дарсҳои 21 ва 22



о а

мо ма



*М М М*

*М М М М М*

*Мм Мм Мм*









Ма-○○○ ●○○- на Ана●○○●○○.

*Мо Мо*

# Дарсҳои 23 ва 24

# Рр

Р р

р р

р р р р р р

ра ра ра





| А-нор | а-на |
|---|---|
| ра-ма | ма-на |

А-нор, а-на  .
Ло-ла, ма-на
ра-ма.



Ана .



А-нор

ра-ма ра-ма

## Дарсҳои 25 ва 26

*Р р*

ра-ма | мо-ла
ма-на | но-ма

| а | о | р | м | н | л |
|---|---|---|---|---|---|

*Р р р р р*

*Рр Рр Рр*




*Ра Ра*




**Анор,**
**ма анор.**

*Анор Анор*

## Дарсҳои 27 ва 28

# Шш

*Шш*

*шшш*





| | | |
|---|---|---|
| шо-на | ош-но | шаш |
| но-ма | а-на | мош |

*ш ш ш ш*

*шо шо шо*



**А-на шо-на. Шаш шона.**
**Ош-но, ма шона.**



| л | ш | о | н | а | м | р |
|---|---|---|---|---|---|---|

*шона шона*

## Дарсҳои 29 ва 30

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ло | ла | но | на | ра | ма | шо | ша |

ш ш ш

| | | |
|---|---|---|
| Ло-ла | ра-ма | А-нор |
| ло-на | ош-но | мош |

ш ш ш ш ш

Ши Ши Ши

Ло-ла, ана ло-на. Анор, ма-на ра-ма. Ош-но, ма мош.

ош ош




мош мош

# Хх



хо-на | хом
хо-ла | Хол
хон | хор



Х х

х х

х х х х

хо хо хо



А-нор, а-на хо-ла.
Хо-ла, а-на хо-на.
Хо-ла, ма но-ма. Хол, а-нор хом.

хом хом






хона хона

# Дарсҳои 33 ва 34

| хо | но | ла | ра | ма | ро |
|---|---|---|---|---|---|

Х х

хо-ла
хон

но-ма
хо-но

Хол
но-ма-ро

х х х х

Хх Хх Хх

## НО-МА

Хо-ла, ма но-ма.
Но-ма хо-но.
Хол, ма, но-ма-ро хон.

Хол Хол



Нома хоно

## Дарсҳои 35 ва 36

# Уу

*У у*

*у у*

*у у у у у*

*хур-мо хур-мо*





| | | |
|---|---|---|
| У-мар | хом | ор |
| о-лу | Нур | хур-мо |

о а у

### ХУР-МО

У-мар, хур-мо ор!
Хур-мо хом.
У-мар, о-лу ор!
Ма Нур, о-лу.





*олу олу о*

*Нур Нур*

# Дарсҳои 37 ва 38

У у

| ма | шу | ша | на | лу | ра | ру |
|---|---|---|---|---|---|---|

У-мар | Хур-мо
хур-мо | Хол

у у у у у

Уу Уу Уу

Умар, а-на о-лу.
Хол, а-на хур-мо.
Ма Хур-мо, о-лу.

Умар

| м | а | р | о | л | х | у | ш | н |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|






Ана хурмо

# Дарсҳои 39 ва 40

## Ӯӯ





ӯ ӯ

ӯ ӯ ӯ ӯ ӯ ӯ

ӯ ӯ ӯ

ӯ ӯ ӯ

| | | | |
|---|---|---|---|
| О | А | У | Ӯ |

хӯ-ша | шӯр | хом
шӯ-ла | шӯх | Нур



шӯ-ла



Нур, а-на хӯша.
Хӯ-ша хом.
Нур шӯх.

| |
|---|
| Н |
| Р |
| Ш |
| Л |



хӯ-ша хӯ-ша

# Дарсҳои 41 ва 42







**Сс**

*С с*

*с*

Ас-лам | А-со
Ас-рор | сур-ма-ро

*с с с*

*Ас-лам Ас-лам*

Ас-лам, а-на Ас-рор.

Ма Асо,  .

Ас-рор, сур-ма-ро ор.



*Асо*






*Асрор*

# Дарсҳои 43 ва 44

С

Со-ро
А-но-ра
Ра-сул
шо-на-ро
хуш-рӯ



С С С

Сс Сс Сс

Со-ро, а-на Ра-сул.
Ра-сул, шо-на-ро ор.
А-но-ра, ма шо-на.

Соро




ХУР . С У / Ӯ



Ана Расул.

# Дарсҳои 45 ва 46





**З з**

*З з*

*з з*

*з з з з*



**А-мон** | **сӯ-зан**
**За-мон** | **аз**



*аз аз*

**СӮ-ЗАН**

**А-мон, а-на За-мон.**
**За-мон, ма сӯ-зан.**
**Сӯ-зан аз Со-ро.**



*сӯзан сӯзан*

*Сӯзан аз Соро.*

# Дарсҳои 47 ва 48

З з

З з з

Зз Зз



Ра-сул | За-мон
мӯ-за | а-на

За-мон



**МӮ-ЗА**

Ра-сул, а-на мӯ-за.
Мӯ-за аз За-мон.

мӯза мӯза

Ш
Л
Х
С
З



У
Ӯ

Мӯза аз Замон

# И и

*И и*

*и и*






| зин | За-ми-ра | На-сим |
|---|---|---|
| зи-на | хуш-рӯ | миз |

*и и и*

*На-сим На-сим*

На-сим, ана зин.
За-ми-ра, ин миз.
Ми-зи За-ми-ра хуш-рӯ.



М · З

*зина*



О
А
У
Ӯ
И



*Миз аз Замира*

# Дарсҳои 51 ва 52

И и
И Й и и
Ши Ши

| ми | си | ли | за | мӯ | лӯ | сӯ |
|---|---|---|---|---|---|---|

хирс | ши-рин | На-сим
а-сал | хо-на-и | хӯр

**ХИРС**

На-сим, а-на хирс.
Ин хо-на-и хирс.
Ма, хирс, а-сал хӯр!
А-сал ши-рин.





мошин

О
А
У
Ӯ
И



М
Н
Р
Ш
Л
Х
С
З

_____.

Асал ширин.

# Дарсҳои 53 ва 54




# К к

К к

к к

к к к к к к к к

| | | |
|---|---|---|
| ко-са | На-зи-ра | ин |
| Ка-мол | ка-лон | низ |

ко ко

ка-лон, ка-лон



## КО-СА

Ка-мол, а-на ко-са. Ко-са ка-лон. Ин ко-са-и На-зи-ра. Ко-са-и На-зи-ра низ ка-лон.

коса



КА–




Ин косаи Назира.

# Дарсҳои 55 ва 56

К К К

К К К К К

Кк Кк

| | |
|---|---|
| ка-лон | ка-рам |
| Ка-мол | ко-кул |

## КА-РАМ

Ка-мол, ана ка-рам.
Ма Ка-мол, ка-рам.
Ка-рам ка-лон.





Ка Ка

Камол

кокул кокул



Карам калон.

# Вв





В в

в в

в в в в в

ва ва



**НАВ-РӮЗ ВА КО-ВА**

**Но-ми ман Нав-рӯз.**
**Но-ми ман Ко-ва.**
**Нав-рӯз ва Ко-ва ош-но.**

| | |
|---|---|
| **Нав-рӯз** | **Ко-ва** |
| **ва** | **ош-но** |

Кова




Анвар

Наврӯз Наврӯз

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| на | ла | ка | са | за | ва | хо |
| но | ло | ко | си | зо | во | ха |

В В

В В В В

Вв Вв

Рав-шан | Ан-вар
Ко-мил | ва

Ва Ва

### АН-ВАР ВА КО-МИЛ

Ан-вар, ин Ко-мил.
Ан-вар ва Ко-мил ош-но.
Ко-ва ва Рав-шан низ ош-но.
Ан-вар аз Ко-мил ка-лон.



Равшан




Анвар ва Комил ошно.

# Дарсҳои 61 ва 62

# Д д







д д д

| Ди-ло-ро | До-ро |
|---|---|
| о-мад | до-да-раш |
| дан-дон | Ра-шид |

дан-дон дан-дон

каду



## ДО-РУ

Ди-ло-ро, ин до-ру.
До-ру-и дан-дон.

дору



До-ро о-мад.
До-да-раш низ о-мад.
Но-ми до-да-раш
Шод-мон.

______.



додар

## Дарсҳои 63 ва 64

| | | |
|---|---|---|
| Ра-шид | дан-до-наш | хӯрд |
| До-ро | о-вар-данд | дард |
| Ди-ло-ро | Ди-ло-вар | монд |

Д Д

Д Д Д Д

Дд Дд




### РА-ШИД ВА ДО-РО

Ра-шид о-мад.
До-ро низ о-мад.
Ра-шид ва До-ро
до-ру о-вар-данд.

Рашид

Ди-ло-ро Ди-ло-ро



Ди-ло-вар до-ру хӯрд.
Дан-до-наш аз дард монд.

Диловар

Доро омад.

## Дарсҳои 65 ва 66







# Г г

*Г г*

*г Г Г*

*г г г*

*Г Г Г*



| | |
|---|---|
| Гул-рӯ | гу-ли |
| Гул-но-ра | хуш-рӯ |
| ка-ло-на-как | ду-го-на-анд |
| хур-да-как | гул-дон |

*Гул-но-ра*

*гул гул*

### ГУЛ-РӮ ВА ГУЛ-НО-РА



Гул-рӯ ка-ло-на-как.
Гул-но-ра хур-да-как.
Гул-рӯ, гул дар гул-дон.
Гу-ли гул-дон хуш-рӯ.
Гул-рӯ ва Гул-но-ра
ду-го-на-анд.

*гулдон*

*Гулрӯ, гул дар гулдон.*

# Дарсҳои 67 ва 68

Г г



| | |
|---|---|
| О-лим | хар-гӯш |
| гӯ-ши | ак-ка |
| до-рад | дум-да-роз |
| ду-ми | ган-дум |

гӯш

гӯгирд

## О-ЛИМ



О-лим, а-на ак-ка.
Ак-ка ду-ми да-роз до-рад.
О-лим, ин хар-гӯш.
Гӯ-ши хар-гӯш низ да-роз.

Олим харгӯш дорад






гандум

# Дарсҳои 69 ва 70





**П п**

*П п*

*п п*

| | |
|---|---|
| по-да | Пар-виз |
| са-ри | гу-за-ри |
| о-мад | па-да-рам |

*п п п*

*па-да-рам па-да-рам*

## ПО-ДА

По-да о-мад. Ин по-да-и гу-зари мо.
Гу-за-ри мо ка-лон.
А-на Пар-виз. Пар-виз аз са-ри по-да о-мад.

*пода*

*пилла*




*Ин подаи гузари мо.*

# Дарсҳои 71 ва 72

П П П
П П П
Пп Пп

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| да | ду | пӯ | ки | во |
| до | ди | пи | ко | ва |

## ДАРС

Но-дир, шин. О-зо-да на-вис. Пар-ви-на, дар-ро пӯш. Дарс сар шуд. Пар-виз, ха-лал на-ра-сон.

| | |
|---|---|
| Но-дир | Пар-ви-на |
| на-вис | на-ра-сон |
| о-зо-да | дарс |
| дар-ро | пӯш |

пӯш
шапалак



Пар-ви-на







Дарс сар шуд.

# Дарсҳои 73 ва 74





**Т т**

*Тт т*

*т т т*

*т т т*

| | |
|---|---|
| Са-о-дат | о-зо-да |
| ток-зор | аст |
| па-дар | му-ал-лим |
| дух-тар | мост |

*му-ал-лим му-ал-лим*

## ТОК-ЗОР

**Ин ток-зор аст. Са-о-дат дар ток-зор. Ӯ дух-та-ри о-зо-да. Па-да-ри Са-о-дат му-ал-лим аст.
Ӯ му-ал-ли-ми мост.**

*токзор*

*Саломат*




*Саодат дар токзор*

# Дарсҳои 75 ва 76

Тт Тт Тт Тт

Тт Тт Тт

Тт Тт



| | |
|---|---|
| мо-дар | са-лом |
| Си-то-ра | шуст |
| ха-мир | кард |

Си-то-ра

шуст

курта







СИ-ТО-РА

Мо-да-ри Си-то-ра ха-мир кард. Ӯ нон пухт. Си-то-ра кур-та-аш-ро шуст. Па-дар аз кор о-мад. Си-то-ра са-лом дод.

___.

Ӯ нон пухт.

# Дарсҳои 77 ва 78





**Б б**

*Б б*

*б б*

*б б б*

| | | |
|---|---|---|
| Бар-но | хур-санд | бӯ-сид |
| бар-ра | бо-бо | об |
| ба | ху-нук | буд |

*ба ба*

*бар-ра*

## БАР-НО

Бар-ра аз ра-ма о-мад. Бар-но ба бар-ра об дод. Об ху-нук буд. Бо-бо Бар-но-ро бӯ-сид. Бар-но хур-санд шуд.

*об об*

*бобо бобо*





*Об хунук буд.*

Б Б Б
Б Б Б
Бб Бб



| | | |
|---|---|---|
| Хар-бу-за | па-да-рам | о-вард |
| То-бис-тон | бо-зор | буд |
| по-ра | бо-ма-за | пухт |

## ХАР-БУ-ЗА

То-бис-тон о-мад. Хар-бу-за пухт. Па-да-рам аз бо-зор хар-бу-за о-вард. Ӯ хар-бу-за-ро по-ра кард. Хар-бу-за ши-рин ва бо-ма-за буд.






То-бис-тон
бозор
Барно

Харбуза бомаза буд.

## Дарсҳои 81 ва 82

# Е е

Зе-бо
Зе-би-ни-со
ме-бо-шанд

су-руд
ме-хо-над
ду-го-на

Е е
е е Е Е

е е е е е
Е Е Е Е
Зе-би-ни-со

Зебо
себ
сел
сер

СЕ.






## ЗЕ-БО ВА ЗЕ-БИ-НИ-СО

Зе-бо ва Зе-би-ни-со ду-го-на ме-бо-шанд. Зе-би-ни-со су-руд ме-хо-над.



L____?

Зебо мехонад.

| | |
|---|---|
| О | ● |
| А | ● |
| У | ● |

Се-бак
хӯр-дан-боб
хуш-рӯ
хуш-бӯ

хе-ле
се-роб
хуш-ма-за
сурх

| | |
|---|---|
| Ӯ | ● |
| И | ● |
| У | ● |

*Ее Ее*

*хӯр-дан-боб*

*сероб*

*шер*







## СЕ-БАК

Се-ба-ки сур-хи се-роб
Ши-рин ас-ту хӯр-дан-боб.
Се-бак хе-ле хуш-рӯ аст,
Хуш-ма-за-ву хуш-бӯ аст.

*Себак хеле хушрӯ аст.*

## Дарсҳои 85 ва 86

  

# Ф ф

| | |
|---|---|
| Оф-тоб | а-лаф |
| Са-даф | Фи-рӯз |
| фер-ма | ба-ро-мад |

### ФЕР-МА

**Оф-тоб ба-ро-мад. Са-даф ба фер-ма о-мад. Фи-рӯз дар фер-ма буд. Са-даф ва Фи-рӯз ба гӯ-со-ла а-лаф до-данд.**

*Садаф*

*ферма*

*алаф*



*Фирӯз дар ферма буд.*

# Дарсҳои 87 ва 88



| | | |
|---|---|---|
| гур-ба-и | гуф-ту-гӯ | фах-хак |
| до-им | на-ме-фо-рад | хур-хур |
| ха-пак | са-лом | гап |

*Фф Фф*

*на-ме-фо-рад*

*фил*



## ГУФ-ТУ-ГӮ БО ГУР-БА

– Са-лом, гур-ба-и фах-хак!
– Хур-хур-р-р...
– Гап зан, до-им ту ха-пак?
– Хур-хур-р-р...
– Ба ту на-ме-фо-рад гап?
– Хур-хур-р-р...



*гуфтугӯ*

*Гурбаи фаххак*



___!

___?

*шафтолу*

# Дарсҳои 89 ва 90

Ғ ғ





| | |
|---|---|
| Ға-фур | ғал-бер |
| ғал-ла | мав-си-ми |
| да-ра-ви | дас-тар-хон |
| ме-бо-шад | ме-ғун-до-рад |

ме-ғун-до-рад



## ҒАЛ-ЛА

Мав-си-ми да-ра-ви ғал-ла о-мад. Ға-фур ғал-ла ме-ғун-до-рад. Мо-да-рам но-ни гарм пухт. Нон зе-би дас-тар-хон ме-бо-шад. Нон-ро а-зиз до-ред.

ғал-ла ғал-ла

ғалбер




Ғафур ғалла мекундорад.

# Дарсҳои 91 ва 92

Ғғ Ғғ

| | |
|---|---|
| пис-та | ган-дум |
| бо-дом | нағз |
| ги-риф-там | пур-мағз |



нағз

мағз

гандум - гандум



## ПИС-ТА

Дар хо-на пис-та-и нағз,
Пис-та-и нағ-зи пур-мағз.
Кам-тар аз он ги-риф-там,
Кам-тар бо-дом ги-риф-там.

___ ?

___ .

| | |
|---|---|
| М | |
| В | |
| Л | |
| П | |
| Г | |
| К | |
| Б | |
| Ф | |
| Ғ | |




| | |
|---|---|
| О | |
| А | |
| У | |
| Ӯ | |
| И | |
| Е | |

Пистаи пурмағз

шалғам







# Ққ

| | | |
|---|---|---|
| қа-лам | на-ви-сам | ши-каст |
| ра-сонд | Қо-бил | тез |
| Қо-дир | гуфт | ма-дад |

қалам

Қобил




## ҚА-ЛАМ

Қо-бил ба Қо-дир гуфт: «Қ» на-ви-сам, қа-лам ши-каст. Қо-дир нӯ-ги қа-лам-ро тез кард. Қо-дир ба Қо-бил ма-дад ра-сонд.

Қодир қаламро тез кард.

## Дарсҳои 95 ва 96



| | | |
|---|---|---|
| қо-қу | ба-ро-мад | гашт |
| ат-роф | хуш-рӯ-ву | дашт |
| зе-бо | пах-моқ | қоқ |

Ққ Ққ

пахмоқ

қоқу



### ҚО-ҚУ

Қо-қу ба-ро-мад ба дашт,
Ат-роф аз ӯ зе-бо гашт.
То-қи-и ӯ қоқ шуд,
Хуш-рӯ-ву пах-моқ шуд.



Тоқии қоқу қоқ шуд.

Қ



4





# Ч ч

чинор

| | |
|---|---|
| чаш-ма | ме-нӯ-шанд |
| чӯ-по-нон | чи-нор |
| ху-нук | а-зи-ме |
| қиш-лоқ | ме-бо-шад |

## ЧАШ-МА

Қиш-ло-қи мо чи-но-ри а-зи-ме до-рад. Дар зе-ри чи-нор чаш-ма аст. О-би чаш-ма хе-ле соф ва ху-нук ме-бо-шад. Чӯ-по-нон аз он чаш-ма об ме-нӯ-шанд.

чашма






Чӯпон об менӯшад

Чч Чч

| | | |
|---|---|---|
| бар-ра-ча | ла-ба-кат | фо-ра-мат |
| кал-ла-ча-ат | чаш-ма-кат | о-лу-ча |
| ка-ду-ча | о-во-за-ки | бул-бул |

ка-ду-ча

каллача




## БАР-РА-ЧА

Бар-ра-ча, о бар-ра-ча,
Кал-ла-ча-ат ка-ду-ча!
Ду чаш-ма-кат о-лу-ча!
Ин ла-ба-кат гул ба-рин,
Он ла-ба-кат гул ба-рин.
О-во-за-ки фо-ра-мат
Хо-ни-ши бул-бул ба-рин.

баррача

булбул -



Ду чашмакат олуча.

# Дарсҳои 101 ва 102





## Ҷҷ



| | |
|---|---|
| Ҷа-ми-ла | ҷо-рӯ-бам |
| ме-рӯ-бад | ҷо-рӯ-баш |
| ҷо-рӯб | ме-хо-над |
| су-руд | ме-би-нед |

*ҷорӯб*

*Ҷамила*



### ҶА-МИ-ЛА

Ҷа-ми-ла ҷо-рӯб дорад. Ӯ бо ҷо-рӯ-баш хо-на ме-рӯ-бад ва су-руд ме-хо-над:

...Ана, мебинед,
Ҷорӯб дар дастам.
Бо ин ҷорӯбам
Хона мерӯбам...

Мирсаид Миршакар

*Ҷамила хона мерӯбад.*

# Дарсҳои 103 ва 104

| | | |
|---|---|---|
| Чӯ-ҷа | до-но | ба-ро-ма-да |
| фи-реб | до-дам | гуфт |
| фаб-ри-ка | де-вор | о-ча |
| на-до-рам | Чӯ-ҷа-и | гун-ҷишк |



Ҷҷ Ҷҷ

гунҷишк

## ЧӮ-ҶА

...Чӯ-ҷа-и до-но ба са-ри де-вор ба-ро-ма-да гуфт:
– Ту-ро фи-реб до-дам.
Ман о-ча на-до-рам. О-ча-и ман фаб-ри-ка.



Ҷӯҷаи доно

девор -




Очаи чӯҷа фабрика аст.



# Ээ

| | | |
|---|---|---|
| э-лак | па-да-рам | пур-сид |
| ҷа-воб | бехт | чис-тон |
| Э-раҷ | чаш-маш | сад-то |
| бо-ре | мо-да-рам | орд |

чистон чис-тон

элак

## Э-ЛАК

Падарам элаки нав харид. Модарам орд бехт.
Бо-ре мо-да-рам пур-сид:
– Эраҷ, ҷавоби ин чис-тон чист?
Худаш 1-то, Чашмаш сад-то.
Ман ҷавоб додам:
– Элак.

Эраҷ,

падар -



Модарам орд бехт.

# Ӣ

ӣ

ӣ ӣ ӣ

ӣ ӣ







| | | |
|---|---|---|
| Қум-рӣ | қа-но-таш | Зе-бӣ |
| дош-танд | дӯс-то-ни | тӯ-тӣ |
| па-ран-да-гон | мо-ли-данд | ши-каст |

Зебӣ

тӯтӣ





## ТӮ-ТӢ

Тӯтӣ ба сим зад, қаноташ шикаст.
Қумрӣ ва Зебӣ онро доштанд.
Ба қаноташ дору молиданд.
Бо дока бастанд.

**Парандагон – дӯстони мо.**

Қумрӣ тӯтиро дошт.
Зебӣ дору молид.

# Дарсҳои 109 ва 110

| | | |
|---|---|---|
| Э-раҷ | зар-рин | чист |
| Қум-рӣ | саб-зӣ | ху-бо-нӣ |
| ҷа-во-би | чис-тон | дас-тар-хо-нӣ |



*Сабзӣ*

*мурғобӣ*



## САБ-ЗӢ

Эраҷ аз Қумрӣ пурсид:
– Ҷавоби ин чистон чист?
Мехи заррин
Таги замин.
Қумрӣ ҷавоб дод:
– Сабзӣ.





Қумрӣ -

## СЕ-БИ ХУ-БО-НӢ



Себи хуби хубонӣ,
Ту зеби дастархонӣ.

*Себи хуби хубонӣ.*
*Ту зеби дастархонӣ.*

# Дарсҳои 111 ва 112

## Ҳҳ



Ҳҳ Ҳҳ

| | | |
|---|---|---|
| Мак-таб | сох-тем | об-бо-зӣ |
| Ҳа-биб | ҳавз | соф |
| ҳав-лӣ | ба-ча-ҳо | ме-ку-нанд |

### ҲАВЗ

Мактаби мо ҳавлии калон дорад. Мо дар ҳавлии мактаб ҳавз сохтем. Оби ҳавз соф аст. Бачаҳо дар ҳавз оббозӣ мекунанд. Ҳабиб хеле оббоз аст. Ӯ нағз шино мекунад.

Ҳабиб ҳавлӣ

мактаб - бачаҳо






Оби ҳавз соф аст.

## Дарсҳои 113 ва 114

| | |
|---|---|
| Рӯ-боҳ | ҳас-рат |
| гу-рус-на | бу-да-аст |
| да-ро-мад | на-ме-хӯ-рам |
| қа-ди | ка-сал |
| на-ме-ра-сид | боғ |



___ ? ___ !

*Хх Хх*

*рӯбоҳ*

### РӮ-БОҲ ВА АН-ГУР

**Рӯбоҳи гурусна ба боғ даромад. Ангур пух-та буд. Вале қади рӯбоҳ ба он намерасид. Рӯбоҳ бо ҳасрат гуфт: «Ангур хом будааст, онро на-ме-хӯ-рам, касал мешавам».**



ҳандалак

*Рӯбоҳ ба боғ даромад.*

*Ангур пухта буд.*

Ғ Қ Ҷ Ч Х



О А У Ӯ И Е Э Й

# Й й



бу-наф-ша
зе-би
пай-ғо-ми
ҷӯй

о-рос-та-рӯй
нав-ба-ҳо-ру
ме-гуфт
бӯй

Й й

й й
й й й
Й Й Й



бунафша



## БУ-НАФ-ША

Ман зеби ҷӯй мегуфт,
Оростарӯй мегуфт.
Пайғоми навбаҳору
Мушкин ба бӯй мегуфт.

Акобир Шарифӣ

оростарӯй




Ман зеби ҷӯй мегуфт.

## Дарсҳои 117 ва 118

| | | |
|---|---|---|
| То-ҷи-кис-тон | Ду-шан-бе | бай-рақ |
| зин-да-го-нӣ | пой-тахт | ба-ча-ҳо |
| Ҷум-ҳу-рӣ | сар-саб-зу | хур-рам |

*Йй Йй*

*байрақ*

### ТО-ҶИ-КИС-ТОН

Мо дар Тоҷикистон зиндагонӣ мекунем. Ҷумҳурии мо дорои парчам ва нишони худ мебошад. Пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе аст.

*Тоҷикистон*

*Ҷумҳурӣ*

пойтахт -



Бачаҳо дар васфи Тоҷикистон шодона суруд мехонанд:

Эй мулки хуррам,
Эй гулшани мо.
Ту ин қадар ҳам
Сарсабзу зебо.

*Эй мулки хуррам,*

*Эй гулшани мо.*

## Дарсҳои 119 ва 120

# Ё ё

| ги-ёҳ-ҳо | рас-та-ни-ҳо | кӯҳ-ҳо |
|---|---|---|
| тай-ёр | ме-саб-занд | зи-ёд |
| а-лаф-ҳо | бут-та-ҳо | кӯҳ-сор |

Ё ё

ё ё ё

Ё Ё Ё

ё ё ё

Ё Ё Ё

зиёд

гиёҳ



### ГИ-ЁҲ-ҲО

Тоҷикистони мо сарзамини кӯҳсор аст. Дар кӯҳҳо буттаҳо, алафҳо ва дигар растаниҳо месабзанд. Қисми зиёди ин растаниҳо гиёҳҳо мебошанд. Аз гиёҳҳо дору тайёр мекунанд.

тайёр

растанӣ -

**Гулҳо ва гиёҳҳоро решакан накунед!**



Гиёҳҳоро решакан накунед!

# Дарсҳои 121 ва 122

Ёё Ёё

| | | |
|---|---|---|
| Ё-қут | се-со-ла | ё-рӣ |
| Ёд-гор | ме-гу-за-ро-над | ақ-лу |
| боғ-ча | мак-таб | та-миз |



боғча

пиёла

пиёз



## Ё-ҚУТ ВА ЁД-ГОР

Ёқут ба боғча меравад. Ӯ сесола аст. Ёдгор ба мактаб меравад. Ёдгор ба Ёқут ёрӣ медиҳад. Ӯ Ёқутро аз роҳи калон мегузаронад.



**Ақлу тамиз –**
**барои ҳама зарур!**

Ёқут ба боғча меравад,
Ёдгор ба мактаб.

## Дарсҳои 123 ва 124

# Я я

ях-дон
Зул-фи-я



Я я я я Я Я

я я я я

Я Я Я

яхдон

| | | |
|---|---|---|
| Шам-си-я | кор-хо-на | ме-ба-ро-рад |
| кор-га-рон | тар-би-я | му-раб-би-я |
| По-мир | зе-бо-янд | меҳ-ру-бон |

мураббия

тарбия -

### ЯХ-ДОН

Падари Шамсия дар корхона кор мекунад. Корхона яхдон мебарорад. Яхдонҳои «Помир» хеле зебоянд. Зул-фи-я-хо-ла бачаҳои коргаронро тарбия мекунад. Ӯ мураббияи меҳрубон аст.

Яхдонҳо хеле зебоянд.
Шамсия

*Яя Яя*

| | | |
|---|---|---|
| гун-ҷиш-как | пан-ҷа-аш | бо-зӣ |
| май-да-як | шох-ча-ҳо | нағ-ма-со-зӣ |
| хуш-рӯ-як | ни-шас-та | бут-та-ҳо |

*гунҷишкак*

*як*

1



*Яя ё*






**ГУН-ҶИШ-КАК**

Гунҷишкаки майдаяк,
Майдаяку хушрӯяк.
Дар панҷааш шохчаҳо,
Дар болои буттаҳо.
Нишаста бозӣ мекард,
Хуб нағмасозӣ мекард.

Мирсаид Миршакар

*Гунҷишкаки майдаяк,*
*Майдаяку хушрӯяк.*
*мӯрчаяк*

# Дарсҳои 127 ва 128

# Юю

Ю ю

юған

Юнус

парашют



ю-ған

| | |
|---|---|
| Ю-нус | А-юб |
| ҳам-ди-гар | чо-ра-шон |
| но-тарс | да-лер |
| Қай-юм | па-ра-шют |





## ПА-РА-ШЮТ

Яку дую сею чор,
Ҳар чорашон ба ҳам ёр.

Юсуф, Юнус, Қайюм ва Аюб дар як синф мехонанд. Онҳо бо ҳамдигар ҷӯра мебошанд. Ҷӯраҳо варзишро дӯст медоранд. Ҳар чорашон далер ва нотарсанд. Онҳо худро бо парашют мепартоянд.

Аюб

Қайюм

Юсуф-

# Дарсҳои 129 ва 130

**Жж**

*Ж ж*

ж ж ж

Ж Ж Ж

| | | |
|---|---|---|
| жо-ла | ба-ҳор | раф-танд |
| абр-ҳо | Рус-там | но-га-ҳон |
| Бе-жан | чор-мағз | гул-чи-нӣ |

ж ж ж ж ж

Ж Ж Ж Ж Ж

*каждум*

*чормағз*



## ЖО-ЛА

Баҳор буд. Манижа ва Бежан гулчинӣ рафтанд. Ногаҳон осмони софро абрҳои тира печонданд. Бачаҳо худро зери дарахти чормағз гирифтанд.

Жола борид, вале дер давом накард. Абрҳои сиёҳ пароканда шуданд. Офтоб баромад.

Манижа ва Бежан даста-даста гулҳои баҳорӣ чиданд ва ба деҳа баргаштанд.



*Бежан гулчинӣ рафт.*

*Жола борид.*

# Дарсҳои 131 ва 132

Жж Жж

| | | |
|---|---|---|
| но-ҳи-я | му-си-қӣ | мак-таб |
| Ё-қу-бо-ва | я-кум | ме-на-во-зад |
| Ма-ни-жа | ҳаж-даҳ | му-ал-ли-ма |



мусиқӣ

ҳаждаҳ

мижа

## МАК-ТА-БИ МУ-СИ-ҚӢ

Дар ноҳияи мо мактаби мусиқӣ кушода шуд. Мактаб ҳаждаҳ талаба дорад. Манижа дар синфи якум меховнад. Ба ӯ муаллима Ёқубова дарс медиҳад. Манижа зеҳни хуб дорад.



Муаллима

НОҲИЯ -

Манижа гижжак менавозад



# Ъ

| | | |
|---|---|---|
| Са-меъ | шеър | наъл |
| ме-хо-нанд | Саъ-дӣ | ме-ги-ранд |
| Маъ-руф | аъ-ло | ба-ланд |
| фан-ҳо | бур-ро | шамъ |

Маъруф

наъл

шамъ

Саъдӣ



## ЧӮ-РА-ҲО

Самеъ, Саъдӣ ва Маъруф дар синфи мо мехонанд. Онҳо аз ҳамаи фанҳо баҳои аъло мегиранд. Самеъ хуб шеър мехонад. Овозаш бурро ва баланд мебошад. Ҳамаи мо шеърро дӯст медорем.



аъло

Самеъ шеър мехонад.

# Дарсҳои 135 ва 136

## ФИРӮЗ

Дарс тамом шуд. Фирӯз ба хона омад. Ӯ хеле шоду хурсанд буд. Модараш пурсид:

– Фирӯзҷон, чаро ин қадар хурсандӣ?

Фирӯз ҷавоб дод:

– Модарҷон, мо имрӯз ҳамаи ҳарфҳоро тамом кардем. Ман ҳоло ҳам мехонам ва ҳам менависам. Модар Фирӯзро ба оғӯш гирифт, бӯсид ва хурсанд шуд.

*Дарс тамом шуд.*

*Фирӯз ба хона омад.*

*ҳарфҳоро* ☐☐☐





○○○○○

мехонам -

*Модари Фирӯз хурсанд шуд.*

## Дарси 137

# МАН «АЛИФБО» МЕХОНАМ

Ман «Алифбо» мехонам,
Бурро-бурро мехонам...
«Алифбо»-и суратдор,
Сураташ ҷудо бисёр.
Қад-қади роҳи калон,
Бачаҳо шоду хандон,
Сӯи мактаб меравaнд,
Мурғобиҳо медаванд.

Убайд Раҷаб

Ман „Алифбо" мехонам.
Бурро-бурро мехонам.





# Дарси 138

## МӮРЧА ВА КАБӮТАР

Мӯрчае аз ташнагӣ ба ҷон омада буд, наздики ҳавзе рафт, то об бинӯшад. Тасодуфан пои мӯрча лағжиду дар об афтод. Наздик буд мӯрчаи бечора ғарқ шавад, ки кабӯтаре аз болои дарахте ӯро дид. Кабӯтар баргеро аз дарахт ба минқор канду наздики мӯрча андохт. Мӯрча ба рӯи барг боло шуд ва ба ин тартиб аз марг наҷот ёфт.

Ҳанӯз лаҳзае нагузашта буд, ки як шикорчӣ кабӯтарро диду хост ӯро ҳадафи тири худ созад. Мӯрча матлаби шикорчиро дарёфта, ба ӯ наздик шуд ва пои ӯро чунон сахт газид, ки тири ӯ ба хато рафт ва кабӯтар ҷон ба саломат бурд.

Накӯӣ аз байн намеравад!

– Кабӯтар дар ҳаққи мӯрча чӣ некӣ кард?
– Мӯрча ба некии кабӯтар чӣ хел ҷавоб гардонд?

**Нависед:**

*Некӣ фаромӯш намешавад.*





# КИТОБИ ХОНО



...Аз ин китоби хоно,
Аз расмҳои зебо,
Ҳарфи бисёр омӯхтем,
Мо гапу кор омӯхтем.
Чистону таронаҳо,
Гулчини афсонаҳо,
Ҳар чӣ ки хостем мо,
Ёфтем аз «Алифбо».

**Меҳмон Бахтӣ**

*Китоби хоно*

*афсонаҳо* ☐☐☐☐



○○○○○○



○○○○○



○○○○○

*Ҳар чӣ ки хостем мо,*
*Ёфтем аз „Алифбо".*

## Дарси 140

# ПИРАМАРД ВА АМИРЗОДА

Нақл мекунанд, ки писари амири Балх рӯзе аз шаҳр берун рафт. Гузораш бар девори пасте афтод. Дид, ки пирамарде бел дар даст дар як порча замин ниҳол мешинонад. Амирзода гуфт:

– Эй пир, дарахте, ки аз меваи он нахоҳӣ хӯрд, чаро нишонӣ?

Пирамард ҷавоб дод:

– Дигарон коштанд, мо мехӯрем, мо мекорем, то дигарон бихӯранд...

Ҳусайн Воизи Кошифӣ

### ПАНД:

**Дар ҷавонӣ дор пиронро азиз,**
**То азизи дигарон бошӣ ту низ.**

– Амирзода ба пирамард чӣ гуфт?
– Пирамард чӣ ҷавоб дод?
– Оё саволи амирзода баҷо буд?

**Нависед:**

*Дар ҷавонӣ дор пиронро азиз.*



## Дарси 141

### БО ҲАРФИ М ЧИҲО ШУД?

М як ҳарфи танҳо буд,
Як ҳарфи бемаъно буд.
Рӯзе ҳамроҳи О шуд,
Мо шуд, хеле фаҳмо шуд.
Мо чун бо Ҳ шуд ҳамроҳ,
Олам равшан гашт аз моҳ...
Вай бо як Й Моҳӣ шуд,
Сӯйи дарё роҳӣ шуд.

Ҷӯра Ҳошимӣ

– Аз ҳарфҳои буридаи М, О, Ҳ, Й, Р, Т, Б чор калима созед.

**Нависед:**

*Олам равшан гашт аз моҳ.*



## Дарси 142

# РӮБОҲ ВА АНГУР

Рӯбоҳи гуруснаеро бар токе назар афтод. Дид, ки хӯшаҳои ангур пухта ва рангин. Вале ток хеле баланд буд. Рӯбоҳ ҳар қадар кӯшиш кард ва ҳар ҳилаеро, ки ёд дошт, ба харҷ дод, аммо афсӯс. Натавонист, ки донае чинаду хӯрад. Вақте дид, ки дигар ҳеҷ коре карда наметавонад, маъюс шуд ва худ ба худ гуфт:

– Эй, чаро ман худамро ғам медиҳам. Охир ин хӯшаҳои ангур ҳанӯз хом ва туршанд.

– Рӯбоҳ чиро дид?
– Чаро ангур чинда натавонист?
– Ӯ худ ба худ чӣ гуфт?
– Ба хотир биёред, ки мо дар бораи рӯбоҳ чӣ медонем?

**Нависед:**

*Рӯбоҳ маъюс шуд.*
*Ӯ медаширо канд.*



# Дарси 143

## МУАЛЛИМ

Муаллими меҳрубон,
Меҳратон дар дилу ҷон,
Лафзи ширини равон,
Мо аз шумо омӯхтем.
Ба ҳар савол ҷавобро,
Донистани ҳисобро,
Ҳам хондани китобро,
Мо аз шумо омӯхтем.
Ҳифзи хоки Ватанро,
Ба вай содиқ буданро,
Васфи боғу чаманро
Мо аз шумо омӯхтем.

Нӯъмон Розиқ



– Ин шеърро барои шумо кӣ навиштааст?
– Бачаҳо аз муаллими меҳрубонашон чиҳоро омӯхтаанд?
– Шумо аз муаллими азизатон чиҳоро ёд гирифтед?

*Муаллими меҳрубон,*
*Меҳратон дар дилу ҷон.*
*содиқ,*









## АФЛЕСУН ВА СЕБ

Модар дар табақча себ ва афлесун овард. Парвина як афлесунро гирифта пурсид:

– Афлесун, чаро мағзи ту қалам-қалам аст?

– Барои он ки ту маро танҳо нахӯрда бо дигарон тақсим карда хӯрӣ.

Парвина себро пӯст карда пурсид:

– Эй себаки ширин, ман мебинам, ки ту яклухтӣ. Оё метавонам худам туро бихӯрам?

Себ ҷавоб дод:

– Не, ин барои он аст, ки ту маро яклухт ба дигарон диҳӣ.

– Бачаҳо, мушкили Парвинаро осон кунед: Ӯ то ҳоло ҳайрон аст, ки чӣ кор кунад.

– Парвина аз афлесун чӣ пурсид?
– Афлесун чӣ ҷавоб дод?
– Аз себ чӣ пурсид?
– Себ чӣ ҷавоб дод?
– Мушкили Парвинаро кӣ осон мекунад?

**Нависед:**

*Дар табақча себ ва афлесун буд.*



## Дарси 145

### МОДАРАМ

Хушрӯз модарам,
Дилсӯз модарам,
Ганҷи ягонаам,
Хуршеди ховарам.

Чун дасти орзу,
Дасти ту дар сарам.
Бахти баланди ман,
Бахти ту, модарам.

Фарзанди ту бузург,
Фарзанди ту калон.
Монанди зиндагӣ,
Умри ту ҷовидон.

Фарде надидаам,
Мисли ту хоксор.
Марде надидаам,
Мисли ту бурдбор.

Хушрӯз модарам,
Дилсӯз модарам.
Номи баланди ту,
То каҳкашон барам!

Гулрухсор

**СУПОРИШ:** Сурудро аз ёд кунед ва якҷоя сароед.

**Нависед:**

*Хушрӯз модарам.*
*Дилсӯз модарам.*



## Дарси 146

# ҲАҚҚИ ПАДАРУ МОДАР

**Бидон, эй писар, ки бар фарзанд воҷиб аст: асли худро, яъне падару модари худро шиносад, онҳоро иззату эҳтиром намояд. Зинҳор, эй писар, ба қадри ранҷи падару модар бирас. Ба ҳаққи падару модар аз рӯи хираду мардумӣ бингар. Агар ту дар ҳаққи онҳо некӣ накунӣ, пас ҳеҷ гоҳ некӣ набинӣ.**

**Унсурулмаолии Кайковус**

– Пирамард ба наберааш чӣ насиҳат мекунад?
– Некӣ ва бадиро шарҳ диҳед.
– Шумо некӣ кардан мехоҳед ё бадӣ?
– Барои чӣ?

**Нависед:**

*Некӣ дар ҳаққи падару модар қарз аст.*



# ЗИМИСТОН

Ин духтаракро бингаред,
Дар тан либоси сап-сафед,
Меҳмон ба назди мо шудаст,
Шодӣ кунед, шодӣ кунед!
Номаш Зимистон, бачаҳо,
Дар пешвози ӯ равед.
Гӯед:
– Меҳмон, марҳамат!
Хуш омадед! Хуш омадед!

Мирсаид Миршакар

– Духтарак чӣ ном дорад?
– Зимистон аз кадом моҳҳо иборат аст?
– Шеърро аз ёд кунед. Рӯзи Соли нав хонед.

**Нависед:**

*Ин духтаракро бингаред.*



# СОЛИ НАВ МУБОРАК, ДӮСТОН!



*Соли нав муборак, дӯстон!*

## БОБО

Соли нав омад Бобо,
Шодон ба хонаи мо.
Ба ман хирсак, ба Гулноз,
Дод аккаи думдароз.

Абдулло Қодирӣ

**СУПОРИШ:** Матни шеърро рӯнавис намуда, аз ёд кунед.

## Дарси 149

# ПАРЧАМИ ТОҶИКИСТОН

Рустам дар синфи якум мехонад. Ӯ бисёр чизҳоро ёд гирифтааст. Боре бобо пурсид:

– Рустамҷони ман, бигӯ Ватани мо чӣ ном дорад?

Рустам ҷавоб дод:

– Ватани мо, furthermoreбобоҷон, Тоҷикистон ном дорад.

– Офарин, ҷони бобо! Боз як савол дорам. Парчами Тоҷикистон чанд ранг дорад?

Рустам гуфт:

– Парчами давлати мо, – гуфт ӯ, – се ранг дорад: сурх, сафед, сабз. Қисми болои парчам – сурх, қисми миёна – сафед, қисми поён сабз аст. Парчами Тоҷикистони мо хеле зебо мебошад.

Бобо хурсанд шуд. Набераашро ба оғӯш гирифт, бӯсид.

– Бобо аз наберааш чӣ пурсид?
– Рустам чӣ ҷавоб дод?
– Дар бораи Тоҷикистон кадом шеърро аз ёд карда будем?

**Нависед:**

*Мо дар Тоҷикистон зиндагонӣ мекунем.*



## Дарси 150

# ДУШАНБЕ

Шаҳри азизам –
Шаҳри гулобод,
Ман дар канорат,
Ҳар лаҳза дилшод.
Дар кӯчаҳоят,
По мегузорам,
Аз равнақи ту,
Дар ифтихорам.

Меҳри туро ман
Бо меҳри модар,
Аз рӯзи аввал,
Кардам баробар.
Шаҳри азизам,
Ту дилрабоӣ,
Як умр бинмой,
Равнақфизоӣ!

Убайд Раҷаб

– Мо дар бораи шаҳри Душанбе – пойтахти Ватанамон чӣ медонем?
– Бачаҳо ба Душанбе муроҷиат карда чӣ мегӯянд?
– Дар бораи шаҳри (деҳаи...) худатон чӣ медонед?



# МИННАТДОРӢ

– Бедаки маҷнун,
Маҳзунӣ чаро?
Сари худро хам
Мекунӣ чаро?

– Чун ёфтам ризқ,
Аз домани хок,
Сар хам мекунам
Бар ин хоки пок.

Нарзулло Тиллозода

– Бачаяк аз маҷнунбед чӣ мепурсад?
– Бед чӣ ҷавоб медиҳад?
– Мо дар бораи дарахти бед чӣ медонем?

Ду сатри зеринро нависед:

*Сар хам мекунам*
*Бар ин хоки пок*



# МӮРИ БОҲИММАТ

**Мӯре малахеро кашида мебурд, ки аз худаш даҳ баробар зиёд буд. Гуфтанд:**

**– Ин мӯрро бинед, ки бо ин нотавонӣ ва хурдӣ бори вазнинеро мекашад.**

**Мӯр бихандиду гуфт:**

**– Мардон борро бо қувваи ҳиммат мекашанд, на ба қуввати тану бадан.**

**Абдураҳмони Ҷомӣ**

– Мӯр (мӯрча) малахро чӣ кор мекард?
– Чаро бачаҳо ҳайрон монданд?
– Мӯр чӣ ҷавоб дод?

**Нависед:**

*Мӯре малахеро кашида мебурд.*



## ГУЛҲОИ ЧАМАН

Бачаҳои азиз, шумо дар ин муддат китоби дӯстдоштаатон – «АЛИФБО» - ро хонда тамом кардед. Акнун бемалол хонда ва навишта метавонед. Ин муваффақияти калон аст. Мо шуморо ба ин муносибат муборакбод мекунем.

Боварӣ дорем, ки китоби «Забони модарӣ» - ро низ ба монанди «АЛИФБО» тозаю озода нигоҳ медоред ва аз он ҳикояҳо ва афсонаҳо мехонед.

Ба шумо сиҳатию саломатӣ ва дар хонишатон муваффақият мехоҳем, гулҳои ин чаман.

*Алифбои тоҷикӣ*

*Аа Бб Вв Гг Ғғ Дд*

*Ее Ёё Жж Зз Ии ӣ*

*Йй Кк Ққ Лл Мм Нн*

*Оо Пп Рр Сс Тт Уу*

*Ӯӯ Фф Хх Ҳҳ Чч Ҷҷ*

*Шш ъ Ээ Юю Яя*

**СУПОРИШ:**

Ҳарфҳоро аз рӯи ҷадвал бо тартиб рӯнавис намоед.

# АЛИФБО

## ХАТМИ АЛИФБО!

Имрӯз дар синфи мо хатми «Алифбо» аст.

Падарону модарон омаданд, ки дониш, завқ ва ҳозирҷавобии фарзандони худро бо чашм бубинанд. Аз чеҳраҳои шогирдон суруру хушҳолӣ меборад. Охир, онҳо ин рӯзро чор моҳ боз интизор буданд.

Талабагони хурдсол аз китоби «Алифбо» ҷумлаҳо, шеърҳо хонданд, чистонҳо гуфтанд, суруд хонданд, рақс карданд.

Пас аз хатми рақсу суруд чанде аз волидайн ин рӯзи фархундаро ба шогирдону муаллимон табрик гуфтанд.

Хаткашон омад. Вай барқияи табрикии муаллифони китоби «Алифбо» - ро овард.

«Дӯстони хурдсоли мо! Шумо ва муаллими азизу пуркори шуморо ба ин рӯзи фирӯз – хатми «Алифбо» аз сидқи дил табрик ва муборакбод мегӯем. Имрӯз шумо зафар кардед, калиди донишро ба даст овардед – хондану навиштанро ёд гирифтед. Дару дарвозаи кишвари Дониш ба рӯи шумо боз шуд. Ҷаҳд кунед, дониш омӯзед, ки устод Рӯдакӣ фармудаанд: «Дониш андар дил чароғи равшан аст».




*Хайр, „Алифбоҷон“!*
*Салом, китоби „Забони модарӣ“!*

ББК 81.2.Тоҷ.
Л 90

Маҳмадулло Лутфуллоев, Файзулло Шарифов, Ибодулло Абдуллоев

# АЛИФБО

Китоби дарсӣ барои синфи якум

**Гурӯҳи нашрӣ:**

Муҳаррирон - Давлатқадам Хушқадамов,
Мусаҳҳеҳон - Гулноза Турдиева,
© Дизайн ва ороиш - Маҳмудҷон Муродов
Саҳифабанд - Диловар Қурбонов
Чопи компютерӣ - Шоира Боева

**© Х.Х. "Сарпараст", 2003**
**Литсензия № 049**

© Расми устод Садриддин Айнӣ
аз бойгонии шахсии Камолиддин Айнист
ва аввалин бор нашр мешавад.

Ба чопаш 19.05.2007 имзо шуд.
Андозаи коғаз 60х90 $^{1}/_{8}$. Коғази офсетӣ.
Гарнитураи Arial Tj. Чопи офсетӣ.
Ҳаҷм 13,5 ҷузъи чопии аслӣ.
Адади нашр 35 000.
Супориши 07-690.



Аа
а Аа
Бб
бе Бб
Вв
ве Вв
Гг
ге Гг
Жж
же Жж
Зз
зе Зз
Ии
и Ии
ӣ
ӣ ӣ
Мм
ме Мм
Нн
не Нн
Оо
о Оо
Уу
у Уу
Ӯӯ
ӯ Ӯӯ
Ҷҷ
ҷе Ҷҷ
Шш
ше Шш

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ғғ<br>ғе | Дд<br>де | Ее<br>йе | Ёё<br>йо |
| Йй<br>йи | Кк<br>ке | Ққ<br>қе | Лл<br>ле |
| Пп<br>пе | Рр<br>ре | Сс<br>се | Тт<br>те |
| Фф<br>фе | Хх<br>хе | Ҳҳ<br>ҳе | Чч<br>че |
| ъ<br>ъе | Ээ<br>э | Юю<br>йу | Яя<br>йа |



Нашриёт
Издательство
САРПАРАСТ
Publishing house